«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ д.и.т., профессор
__________ Ибодуллозода А.И.
«23» _05_ соли 2026

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ

Диссертатсияи Раҷабзода Дилшод Амиралӣ, дар мавзуи "Хусусиятҳои педагогии мутобиқшавии донишҷӯён ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ ҳамчун асоси иҷтимоишавии шахсият дар шароити муосир" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ) дар кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ иҷро шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Раҷабзода Д.А. унвонҷӯи кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба шумор мерафт.

Раҷабзода Д.А. соли 1999 ба ихтисоси «Биология»-и факултети биологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Қандил Ҷӯраев (ҳозира Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ) дохил шуда, соли 2004 онро хатм намуд.

Довталаби дараҷаи илмӣ бо фармоиши ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 31.12.2013 №589 ОД, ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи донишгоҳи мазкур қабул карда шудааст.

Мавзуи диссертатсия дар Шурои олимони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, 8-уми феврали соли 2024, қарори №6/7.1 (е) тасдиқ шудааст.

Роҳбари илмии довталаби дараҷаи илмӣ Раҷабзода Дилшод Амиралӣ номзади илмҳои педагогӣ дотсент, мудири кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Мансурова Ҷамила Сулаймоновна мебошад.

Диссертатсияи Раҷабзода Д.А. дар ҷаласаи кафедраи умумидонишгоҳии педагогика аз 22.05.2026, №17/1 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсия дар мавзуи мавзуи “Хусусиятҳои педагогии мутобиқшавии донишҷӯён ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ ҳамчун асоси иҷтимоишавии шахсият дар шароити муосир ” чунин хулоса қабул карда шуд:

**Мутобиқати ихтисос ва номи мавзӯъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия.** Диссертатсияи довталаб Раҷабзода Дилшод Амиралӣ дар мавзӯи «Хусусиятҳои педагогии мутобиқшавии донишҷӯён ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ ҳамчун асоси иҷтимоишавии шахсият дар шароити муосир», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ) пешниҳод шудааст, ба шиносномаи ихтисоси мазкур пурра мутобиқат дорад.

Муҳтавои диссертатсия ба масъалаҳои назариявӣ ва амалии мутобиқшавии донишҷӯён ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ, омӯзиши омилҳои педагогӣ, иҷтимоӣ ва равонии иҷтимоишавии шахсият, муайян намудани шароит ва роҳҳои педагогии баланд бардоштани самаранокии раванди мутобиқшавӣ, инчунин таҳияи тавсияҳои илмӣ-методӣ оид ба такмили фаъолияти иҷтимоӣ-педагогӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ равона гардида, доираи предметӣ ва методологии ихтисоси мазкурро пурра фаро мегирад.

**Алоқамандии мавзӯи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи самтҳои афзалиятноки рушди илм ва маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода шуда, ба татбиқи сиёсати давлатӣ дар самти рушди сармояи инсонӣ, такмили сифати таҳсилоти олӣ, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти иҷтимоӣ-педагогӣ ва омодасозии мутахассисони соҳибсалоҳият равона гардидааст. Мавзӯи диссертатсия бо масъалаҳои мубрами мутобиқшавии донишҷӯён ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ, иҷтимоишавии шахсият, ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоӣ, таҳкими муҳити мусоиди таълимӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои муосири педагогӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ иртиботи мустақим дорад. Натиҷаҳои таҳқиқот ба рушди педагогикаи иҷтимоӣ, такмили фаъолияти иҷтимоӣ-педагогӣ ва баланд бардоштани самаранокии раванди таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ мусоидат менамоянд.

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Мақолаҳо ва дигар корҳои илмии ба табъ расонидаи диссертант масъалаҳои асосии таҳқиқот, натиҷаҳои муҳим ва хулосаҳои назариявию амалии диссертатсияро пурра инъикос менамоянд. Интишороти илмӣ бо муҳтавои диссертатсия ва автореферати он мутобиқ буда, саҳми шахсии муаллифро дар таҳияи асосҳои назариявӣ, гузаронидани таҳқиқоти таҷрибавӣ, таҳлил ва арзёбии натиҷаҳои илмӣ равшан нишон

медиҳанд. Иштироки диссертант дар конференсияҳо ва ҳамоишҳои илмӣ низ ба муаррифии натиҷаҳои асосии таҳқиқот ва муҳокимаи илмии онҳо мусоидат намудааст.

**Мавҷудияти санадҳои тасдиқкунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ ё имконияти татбиқи онҳо.** Аҳамияти илмию амалии натиҷаҳои таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки онҳо метавонанд дар ташкили фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ ва иҷтимоӣ-педагогии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, таҳияи барномаҳои таълимӣ, дастурҳои методӣ, тавсияҳои илмӣ ва барномаҳои мутобиқсозии донишҷӯёни курси аввал истифода шаванд. Натиҷаҳои таҳқиқот барои омӯзгорон, кураторони гурӯҳҳои академӣ, равоншиносон, мутахассисони соҳаи педагогикаи иҷтимоӣ, донишҷӯён ва шуъбаҳои такмили ихтисоси кормандони соҳаи маориф аҳамияти амалӣ дошта, инчунин метавонанд ҳангоми таҳияи корҳои курсӣ, рисолаҳои хатм, корҳои магистрӣ ва таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ мавриди истифода қарор гиранд.

**Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқи диссертатсионӣ.** Саҳми шахсии довталаб дар он ифода меёбад, ки муаллиф масъалаи хусусиятҳои педагогии мутобиқшавии донишҷӯён ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ ҳамчун асоси иҷтимоишавии шахсият дар шароити муосирро бори аввал ба таври низомманд ва мукаммал дар доираи педагогикаи иҷтимоӣ мавриди таҳқиқ қарор додааст. Муаллиф асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқотро таҳия намуда, маҷмӯи шароит, роҳҳо, усулҳо ва воситаҳои самараноки педагогиро ҷиҳати таъмин ва такмили раванди мутобиқшавии донишҷӯён ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ пешниҳод кардааст. Иштироки мустақими диссертант дар таҳияи барномаи озмоиши педагогӣ, интихоби методҳои таҳқиқ, гузаронидани корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ, таҳлил ва арзёбии натиҷаҳои бадастомада, инчунин ҷамъбасти хулосаҳои илмӣ саҳми шахсии ӯро дар иҷрои таҳқиқ равшан нишон медиҳад.

Нуктаҳои асосӣ ва хулосаҳои назариявии таҳқиқот дар шакли мақолаҳои илмӣ ба табъ расонида шудаанд. Саҳми шахсии довталаб дар таҳияи барномаи таҳқиқоти диссертатсионӣ, интихоби асосноки методҳо ва роҳҳои омӯзиш, ташкил ва баргузории таҳқиқоти таҷрибавӣ, таҳлили илмии натиҷаҳои бадастомада, инчунин коркард, ҷамъбаст ва санҷиши амалии хулосаҳо ва тавсияҳои илмӣ оид ба такмили мутобиқшавии донишҷӯён ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ ва баланд бардоштани самаранокии иҷтимоишавии онҳо ба таври возеҳ ифода меёбад.

Диссертатсияи Раҷабзода Дилшод Амиралӣ, дар мавзуи "Хусусиятҳои педагогии мутобиқшавии донишҷӯён ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ ҳамчун асоси иҷтимоишавии шахсият дар шароити муосир " ба ихтисоси интихобшуда пурра мувофиқат мекунад.

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ) мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, 6 фасл, хулоса, рӯйхати адабиёт ва интишороти довталаби дараҷаи илмӣ дар мавзуи диссертатсияи пешниҳодшаванда иборат мебошад.

Вобаста ба мавзуъ ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ 12 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои илмии дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридбуда, интишор гардидааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 2,8 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:

**1. Мақолаҳои илмие, ки дар нашрияҳои тақризии бонуфузи тавсиянамудаи КОА–и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

[1-М]. Раҷабов Д.А. Хусусиятҳои мутобиқшавии иҷтимоӣ-психологии донишҷӯёни соли якум ба шароити муассисаи таҳсилоти олӣ [Матн] /Д.А. Раҷабов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 2023. №12.-С.242-249. ISSN 2074-1847.

[2-М]. Раҷабов Д.А. Масъалаҳои мутобиқшавии донишҷӯёни соли якум ба раванди таҳсилотӣ дар мактаби олии омӯзгорӣ [Матн] /Д.А. Раҷабов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 2024. №6. - С.254-264. ISSN 2074-1847.

[3-М]. Раҷабов Д.А. Тамоюлҳои муосири рушди таҳсилоти олии педагогӣ дар шароити нави иҷтимоӣ [Матн] /Д.А. Раҷабов // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. 2024. №1 (34). -С.226-234. ISSN 2616-5260.

[4-М]. Раҷабов Д.А. Масъалаҳои фаъолияти таҳсилию маърифтӣ ва арзёбии муваффақияти таълимии донишҷӯёни соли якуми таҳсилоти олӣ [Матн] /Д.А. Раҷабов // Паёми Донишгоҳи забонҳо. 2023. №4 (52). - С.273-280. ISSN 2226-9355.

[5-М]. Раҷабов Д.А. Моҳият ва хусусиятҳои мафҳуми «мутобиқшавӣ» дар адабиёти психологию педагогӣ [Матн] /Д.А. Раҷабов // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. 2023. №4-2 (18). - С.40-46. ISSN 2708-5759.

[6-М]. Абдурашитов Н.Ф., Раҷабов Д.А. Мушоияти психологию педагогии донишҷӯёни курси якум дар раванди мутобиқшавии онҳо ба талаботи таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. 2023. №4 (44). - С.31-41. ISSN 2617-5320.

[7-М]. Раҷабзода Д.А. Моҳият ва мушкилоти мутобиқшавии донишҷӯёни соли аввал ба раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ ва роҳҳои ҳалли онҳо [Матн] / Д.А. Раҷабзода / Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. 2025. № 1/3 (137). – С. 280–286. ISSN 2663-5534.

**2. Мақолаҳои илмие, ки дар дигар маҷаллаву нашрияҳо ба чоп расидаанд:**

[8-М]. Раҷабов Д.А. Асосҳо ва василаҳои мутобиқшавии донишҷӯёни соли якум ба шароити муассисаи таҳсилоти олӣ ва самаранокии донишазхудкунии онҳо // Маводи Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-методии «Масъалаҳои мубрами таълими таърих: мушкилот ва дурнамо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», бахшида ба 115-солагии Қаҳрамони Тоҷикистон, академие Бобоҷон Ғафуров. Душанбе. 2023. - С.242-248.

[9-М]. Раҷабзода Д.А. Мушкилоти мутобиқшавии донишҷӯёни соли якум ба раванди таълим дар донишгоҳи педагогӣ. [Матн] / Д.А. Раҷабзода // Маҷмуаи маводи озмуни байналмилалии «Беҳтарин кори илмӣ». Маҷаллаи илмии байналмилалӣ. «Endless Light in Science». 2024. №1. – С.222-233. irc-els.com.

[10-М]. Раҷабов Д.А. Мо ҷавонон пайравони пешвои миллатем. [Матн] /Д.А. Раҷабов // Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Нақши ҷавонон дар таҳкими сулҳу суботи Тоҷикистон» Душанбе. 2024. – С.223-229.

[11-М]. Раҷабзода Д.А. Масъалаҳои мубрами тарбия ва таҳсилоти таълимгирандагон. [Матн] /Д.А. Раҷабов // Маҷмуи маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии ҳайати профессорону омӯзгорон дар партави суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бахшида ба «Рӯзи дониш» таҳти унвони «Нақш ва масъалияти омӯзгор дар замони истиқлол» Душанбе. 2025. – С.229-233.

[12-М]. Раҷабзода Д.А. Назарияҳои психологӣ-итҷтимоӣ оид ба хусусиятҳои оила [Матн] /Д.А. Раҷабов // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ «Масъалаҳои иҷтимоӣ-психологии низоъҳои оилавӣ ва роҳҳои бартарафсозии онҳо. Душанбе. 2025. - С.244-251.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Раҷабзода Дилшод Амиралӣ, дар мавзуи "Хусусиятҳои педагогии мутобиқшавии донишҷӯён ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ ҳамчун асоси иҷтимоишавии шахсият дар шароити муосир " барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.9.

Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ) кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Раҷабзода Дилшод Амиралӣ, дар мавзуи “Хусусиятҳои педагогии мутобиқшавии донишҷӯён ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ ҳамчун асоси иҷтимоишавии шахсият дар шароити муосир ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ) бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии дахлдор тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ санаи 22.05.2026, қарори №17/1 қабул гардидааст.

Иштирок доштанд: ҳамагӣ - 15 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «тарафдор» - 15 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

**Раиси ҷаласа,**
номзади илмҳои педагогӣ,
дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии
педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ — Самиев Тоҳирҷон Абдусамадович

**Котиби ҷаласа,**
номзади илмҳои педагогӣ — Арбобова Фароғат Анваровна

Имзои Т.А. Самиев ва Ф. Арбобоваро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ — Қодирзода Сайвалӣ Муҳибулло

**Нишонӣ:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 121.Тел.: +992 (37) 224 13 83
E-mail: info@tgpu.tj. Сомона: www.tgpu.tj